Аз 17.08.2017, №381

«Оид ба тасдиқи
Талаботи асосии
ташкили хизматрасонӣ
ба андозсупорандагон ва Мониторинги
сифати хизматрасонӣ ба
андозсупорандагон»

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳ ва сифати хизматрасонии мақомоти андоз ба андозсупорандагон, таъмини назорат ва ташкили дурусти хизматрасонӣ ба онҳо,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Талаботи асосии ташкили хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва Тартиби гузаронидани Мониторинги сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон тибқи Замимаҳои №№ 1 ва 2 тасдиқ карда шавад.

2. Муқаррар карда шавад, ки риояи Талаботи асосии ташкили хизматрасонӣ ба андозсупорандагон (Замимаи №1) барои воҳидҳои сохтории мақомоти андоз ҳангоми муносибат ва хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ҳамчун уҳдадории мансабӣ ҳатмӣ мебошад.

3. Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон:

- пешбурди мунтазами Мониторинги сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагонро **(Замимаи №2)** таъмин намуда, натиҷаҳои онро пас аз ҷамъбасти сол дар сомонаи расмии Кумитаи андоз ҷойгир намояд;

- дар якҷоягӣ бо мақомоти ҳудудии андоз:

а) дар як сол як маротиба таҳлили маҷмӯии ҳолати утоқҳои корӣ барои қабули андозсупорандагонро гузаронида **(Замимаи №3),** ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани шароити корӣ чораҷӯӣ намоянд;

б) нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии андозсупорандагон ба хизматрасонии мақомоти андозро **(Замимаи №4)** тасдиқ намоянд.

4. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои таъмини иҷрои талаботи молиявии Мониторинги мазкур чораҷӯӣ намояд.

5. Талаботи асосии ташкили хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва Мониторинги сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар нашрияи расмии Кумитаи андоз - ҳафтаномаи «Боҷу хироҷ» ба табъ расонида шавад.

6. Фармоиши Кумитаи андоз аз 30.11.2012, №348 «Оид ба тасдиқи Талаботи асосии ташкили хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва Мониторинги сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон» аз эътибор соқит дониста шавад.

7. Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро ба раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, НАК, НАМ ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дастрас намояд.

8. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Раиси Кумитаи андоз Юсуфӣ П.С. вогузор карда шавад.

Раис Н. Давлатзода